# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назария ва методикаи таълими мусиқӣ).**

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки арзишҳои маънавӣ тағйир меёбанд, фаҳмиши нав дар бораи идеали инсон ва муносибати ӯ ба муҳит зарур аст. Ҳамин омил талаб мекунад, ки фарҳанги шахсият ва ҷомеа аз дидгоҳи тарбияи эстетикӣ аз нав арзёбӣ гардад.

Ҳифзу нигаҳдошти нодиртарин паҳлуҳои башардӯстонаи фарҳанги миллии тоҷикон, ки бо заҳматҳои пайвастаи ниёгонамон ҳамчун мероси гаронбаҳо то ба мо омада расидааст, дар меҳвари сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бе ягон шакку шубҳа омӯзиши муттасили муҳимтарин унсурҳои фарҳанги миллӣ барои таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат менамояд.

Бинобар ин, дар ташаккули фарҳанги эстетикии кӯдак, хонавода ва мундариҷаи кори педагогӣ хеле муҳим аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки яке аз вазифаҳои муҳими фарҳангсозии ҷомеа - ин рушди зебоишиносӣ ва завқи мусиқии шаҳрвандон, бахусус хонандагон аст. Муассисаҳои фарҳанг ва таълим дар ин раванд нақши ҳалкунанда доранд.

Ҷолиби диққат аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) маҳз ба яке аз масъалаҳои муҳим бахшида шуда, аввалин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар самти тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дорои аҳамияти вежаи илмӣ ва амалӣ мебошад.

Аз омӯзиши муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки диссертант тули солҳои зиёд ба омӯзиши ташаккули фарҳанги мусиқӣ -

эстетикӣ ва тарбияи зебоишиносии хонандагон машул шуда, тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагонро дар рушди тарбияи мусиқӣ муҳим арзёби карда, дар ин замина таҳқиқоти вежа анҷом додааст. Ин аст, ки диссертант ҳангоми омӯзиш ва таҳияи таҳқиқот 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва 1 дастури таълимӣ дар ин самт нашр намудааст, ки ин нишондод шоистаи таҳсин аст.

Тавре, ки аз таҳлили мазмуни автореферати диссертатсия маълум гардид, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот дар осори бунёдии илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби бисёр муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқи амиқу дақиқ қарор гирифтаанд. Дар асару мақолаҳои М. Юлдашева, М. Набиева, Б. Хайруллоев, С. Раҳимов, Д. Раҷабзода, З. Назарова, З. Норова, Д. Рустамов, А. Гулов, К. Раҳимзода, Д. Латипов, О.А. Апраксина, Ф. Арьес, Л.С. Выготский, Д.Б. Кабалевский, Н. Крупская, А. Макаренко ва В.А. Сухомлинский ва дигарон мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст, ки сарчашмаҳои гуногун оид ба мавзуъ, таҳияву асоснокозии илмии нуктаҳои муҳимтарини мавзуъ, муайян намудани объекту предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарду ҷамъбаст ва тафсири илмии натиҷаҳои он аз ҷониби муаллиф таҳлили амиқи илмӣ карда шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, аз нигоҳи методологӣ ва мантиқӣ дуруст таҳия гардидааст Муқаддимаи диссертатсия фарогири пурраи дастгоҳи илмии таҳқиқот буда, мантиқӣ ва методологӣ дуруст муайян ва ҷобаҷо гузошта шудаанд.

Аз автореферети диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин маълум мегардад, ки дастгоҳи илмии он ба талаботи ин намуди корҳо комилан ҷавобгӯ аст.

Баъзе ғалатҳои техникии матни автореферат арзиши баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкурро коста намегардонанд ва онро метавон ҳамчун кори мустақилонаи анҷомдодаи илмию таҳқиқотӣ арзёбӣ кард.

Хулоса, диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин таҳти унвони «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) мебошад.

**Муқарриз,** директори Муассисаи давлатии
«Хонаи китоби Тоҷикистон»,
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи
ихтисоси китобхонашиносӣ,
библиографишиносӣ ва китобшиносӣ Зафари Шариф

Суроға: 734064, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 17, Муассисаи давлатии
"Хонаи китоби Тоҷикистон"
Тел.: (+992) 0000-86-967, Факс: (+992837) 2334143
E-mail: husenboi12345@mail.ru
«____»_______соли 2026

Имзои Зафари Шариф – ро тасдиқ менамоям:
Коргузори МД «Хонаи китоби Тоҷикистон» Тағоева Соҷида

Суроға: 734064 ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 17, Муассисаи давлатии
"Хонаи китоби Тоҷикистон"
Тел.: (+992) 981060633
E-mail: info@kh.
«22»__01__соли 2026